## Шарҳи моҳонаи таваррум • Октябри 2022

**Сатҳи таварруми[1] моҳона пас аз раванди пастравӣ доштан тайи ду моҳи охир (август ва сентябр) дар моҳи октябри соли равон бо нишондиҳандаи мусбат ҷамъбаст гардида, ба 0,4 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ ба андозаи 0,6 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда болоравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби 3,5 фоиз (саҳм дар таваррум 0,5 б.ф.) афзоишёбии арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ ба амал омад. Ҳамзамон, дар ин давра нархи маҳсулоти хӯрокворӣ -0,2 фоиз (саҳм дар таваррум -0,1 б.ф.) ва молҳои ғайрихӯрокворӣ -0,1 фоиз (бо саҳми ночиз) раванди пастравӣ доштанд.

Болоравии арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ дар моҳи октябри соли ҷорӣ бинобар омилҳои маъмурӣ, аз ҷумла болоравии нархи қувваи барқ 17,3 фоиз (0,6 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои маориф 0,8 фоиз ба амал омад.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар коҳишёбӣ дар нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили орди навъи якум 1,9 фоиз, равғани пахта 4,3 фоиз, равғани офтобпараст 3,9 фоиз, шакар 1,0 фоиз, картошка 3,5 фоиз ва ғайра ба назар расид. Ҳамзамон, қиматшавии нархи биринҷ 2,0 фоиз, тухм 5,6 фоиз, гӯшти гов 1,2 фоиз ва сабзӣ 7,6 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи ҳисоботӣ бештар пастравии нархи бензини навъи АИ 92 ба андозаи 5,3 фоиз мушоҳида гардид.

Дар моҳи октябри соли ҷорӣ тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Туркия 3,5 фоиз, Қазоқистон 1,6 фоиз, Ӯзбекистон 1,2 фоиз, Белорус -1,0 фоиз, Гурҷистон 0,5 фоиз, Арманистон 0,3 фоиз ва Қирғизистон 1,3 фоизро ташкил намуд.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи орди навъи якум ва шакар, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**Таварруми солона дар моҳи октябри соли 2022 ба 5,2 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 3,5 б.ф. кам мебошад.**

Таъсири омилҳои кӯтоҳмуддати мавсимӣ, бахусус коҳишёбӣ ва муътадил гардидани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ (аз ҷумла сабзавот) дар натиҷаи ҷамъоварии ҳосили фаровони тирамоҳӣ ва афзоиши пешниҳоди он боиси муътадилии сатҳи таваррум гардид.

Сатҳи таваррумии солона дар ин давра дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Туркия 85,5 фоиз, Қазоқистон 18,8 фоиз, Қирғизистон 15,4 фоиз, Белорус 15,2 фоиз, Русия 12,6 фоиз, Ӯзбекистон 12,5 фоиз, Гурҷистон 10,6 фоиз ва Арманистон 9,5 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таваррумии аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи октябри соли ҷорӣ бетағйир боқӣ монда, бо арзёбии солона бошад, ба 2,4 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум бахри ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда бо истифода аз фишангҳои монетарӣ идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳои дахлдор)

| Кишварҳо | Таваррумӣ моҳона (октябр с. 2022) | Таваррум янв.-окт. с.2022 | Таваррумӣ солона (октябр с.2022) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 3,5 | 57,8 | 85,5 |
| Қазоқистон | 1,6 | 17,2 | 18,8 |
| Қирғизистон | 1,3 | 12,1 | 15,4 |
| Ӯзбекистон | 1,2 | 9,4 | 12,5 |
| Гурҷистон | 0,5 | 9,6 | 10,6 |
| **Тоҷикистон** | **0,4** | **3,5** | **5,2** |
| Арманистон | 0,3 | 6,0 | 9,5 |
| Русия | 0,18 | 10,7 | 12,6 |
| Белорус | -1,0 | 13,6 | 15,2 |

**Таваррумӣ аслии солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | | | | 2022 | | | | | | | | | | Октябр тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **9,9** | **9,0** | **9,6** | **8,0** | **7,8** | **7,1** | **7,3** | **7,3** | **7,5** | **8,3** | **8,3** | **6,5** | **5,7** | **5,2** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **13,5** | **10,9** | **11,0** | **7,5** | **6,8** | **6,4** | **7,2** | **7,5** | **7,5** | **9,6** | **9,7** | **8,0** | **7,9** | **6,1** | **-0,2** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,8 | 10,4 | -3,7 | 2,2 | 4,0 | 4,8 | 4,8 | 11,0 | 16,7 | 22,2 | 24,6 | 24,6 | 17,6 | 13,0 | 7,8 | -1,3 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 3,2 | 0,4 | -5,5 | -7,8 | -7,5 | -7,5 | -7,0 | -5,7 | -3,9 | -2,5 | -1,2 | -1,9 | -2,3 | 1,7 | 3,3 | 2,0 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 16,4 | 12,9 | -5,7 | 4,6 | 8,0 | 8,8 | 8,6 | 18,0 | 26,4 | 34,9 | 38,3 | 38,6 | 27,3 | 18,3 | 10,5 | -1,9 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 5,7 | 9,0 | 14,6 | 14,0 | 15,1 | 15,3 | 13,9 | 9,8 | 2,6 | 0,9 | 0,3 | -1,5 | -2,0 | -2,4 | -3,3 | 0,9 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 9,5 | 15,5 | 15,8 | 14,9 | 15,1 | 13,9 | 7,7 | -0,5 | -3,6 | -4,9 | -7,8 | -7,8 | -8,5 | -9,6 | 1,2 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | 18,9 | 43,2 | 24,2 | 11,9 | -14,4 | -24,0 | -26,3 | -21,2 | -18,6 | -24,3 | -12,1 | 2,8 | 7,9 | 17,4 | 25,1 | 5,6 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 4,3 | 5,6 | 6,2 | 7,9 | 8,9 | 7,7 | 9,9 | 23,6 | 21,7 | 23,6 | 23,9 | 24,1 | 22,8 | 25,4 | 25,1 | 1,6 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 5,6 | 10,3 | 3,1 | 8,8 | 4,3 | 4,0 | 10,6 | 15,4 | 17,0 | 18,3 | 21,3 | 16,3 | 10,9 | 11,6 | 14,5 | 3,3 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 51,5 | 64,3 | 58,9 | 20,8 | 20,5 | 17,3 | 12,4 | 4,2 | 4,5 | 4,3 | 2,3 | -1,3 | -2,7 | -6,5 | -3,4 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 4,7 | -6,4 | -9,5 | -9,7 | -6,7 | -6,6 | -6,9 | -8,3 | -5,3 | -5,2 | -6,1 | -10,5 | -11,2 | -8,8 | -5,5 | 0,0 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 5,8 | 5,5 | 14,1 | 11,7 | 16,4 | 11,6 | 13,4 | 6,3 | 5,4 | -3,0 | 1,8 | 3,9 | 8,1 | 14,9 | 14,4 | 1,1 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | 40,8 | 46,7 | 41,0 | 21,9 | 4,4 | 4,3 | 2,9 | 6,9 | 14,0 | 15,1 | 22,0 | 18,6 | 14,4 | 12,0 | 10,0 | -1,0 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -2,2 | 4,5 | -1,7 | 0,1 | -0,7 | 0,6 | 1,5 | 2,6 | 3,2 | 4,9 | 5,5 | 16,5 | 16,5 | 14,6 | 14,5 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **1,8** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,4** | **6,4** | **6,7** | **4,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **5,0** | **4,6** | **4,3** | **2,8** | **5,8** | **5,7** | **4,9** | **6,2** | **6,3** | **6,9** | **6,0** | **6,5** | **6,0** | **5,9** | **5,5** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,8** | **7,6** | **8,4** | **7,8** | **7,5** | **7,8** | **6,4** | **6,3** | **6,1** | **6,7** | **6,6** | **6,5** | **5,1** | **4,7** | **3,8** | **-0,1** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,5 | 4,9 | 4,1 | 3,3 | 2,8 | 3,2 | 2,7 | 2,4 | 2,6 | 3,0 | 3,4 | 3,4 | 2,9 | 2,5 | 2,0 | 0,1 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 8,0 | 7,8 | 6,5 | 5,1 | 8,0 | 6,8 | 6,4 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 8,4 | 7,6 | 7,9 | 7,5 | 0,0 |
| Моводи шустушӯӣ | 2,0 | 3,3 | 10,1 | 9,5 | 7,7 | 5,7 | 4,6 | 5,2 | 4,8 | 5,1 | 6,8 | 11,5 | 13,6 | 13,8 | 16,3 | 17,9 | 17,2 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 7,8 | 6,6 | -0,4 | -1,6 | -0,7 | 4,2 | 5,3 | 7,4 | 7,7 | 8,7 | 8,7 | 9,8 | 9,5 | 10,3 | 10,1 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | -6,1 | 16,8 | 56,8 | 59,4 | 63,0 | 54,6 | 40,2 | 33,2 | 24,1 | 23,0 | 18,1 | 15,4 | -0,7 | -3,8 | -8,2 | -2,5 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | 14,8 | 12,8 | 22,1 | 11,8 | 2,7 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 5,1 | 5,3 | 4,7 | 3,1 | 3,1 | 1,5 | -5,2 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | 3,2 | 4,3 | 4,2 | 2,9 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 8,8 | 9,3 | 5,6 | 5,2 | 3,7 | 4,1 | 2,8 | 3,2 | 3,4 | 3,6 | 3,1 | 3,3 | 5,1 | 4,9 | 5,3 | 0,5 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,0** | **4,1** | **5,1** | **9,3** | **11,3** | **11,5** | **11,1** | **9,9** | **9,6** | **9,4** | **8,4** | **7,8** | **4,6** | **1,3** | **5,0** | **3,5** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 1,8 | 3,7 | 9,6 | 14,6 | 13,1 | 13,2 | 10,5 | 10,1 | 8,9 | 8,2 | 5,2 | 3,3 | -5,0 | -5,3 | 5,4 | 10,5 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 3,8 | 1,4 | -1,1 | -0,9 | -0,9 | 3,7 | 3,7 | 4,5 | 4,5 | 5,9 | 5,9 | 5,9 | 5,4 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 4,0 | 14,1 | 52,0 | 66,7 | 66,1 | 66,6 | 46,7 | 44,4 | 36,1 | 30,9 | 13,1 | 5,1 | -22,7 | -23,7 | -21,0 | 0,9 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 11,2 | 22,4 | 22,4 | 24,4 | 19,5 | 19,5 | 19,6 | 19,2 | 19,5 | 19,7 | 9,3 | 8,9 | -0,2 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,4 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,6 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,7 | 7,8 | 8,2 | 8,1 | 8,2 | 8,3 | 8,3 | 8,3 | 8,3 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 0,8 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,3 | 1,0 | 1,1 | 1,6 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 6,7 | 5,9 | 5,5 | 4,1 | 1,7 | 2,8 | 3,0 | 3,2 | 3,2 | 3,4 | 4,1 | 5,0 | 5,0 | 4,5 | 3,8 | 0,2 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.
** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо